**ТАҚРИЗ**

**ба рисолаи илмии Одиназода Қурбоналӣ Наҷмудин дар мавзуи «Хусусиятҳои мутобиқшавии психологӣ-педагогии хонандагони мушкилоти шунавоидошта ба муҳити махсуси таҳсилотӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.6.-Педагогикаи махсус**

Дар шароити рушди ҷомеаи муосир масъалаи ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд, аз ҷумла кӯдакони дорои мушкилоти шунавоӣ, яке аз самтҳои муҳими сиёсати иҷтимоии давлат табдил ёфтааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати иҷтимоӣ барои таъмини ҳуқуқи баробари ҳамаи шаҳрвандон ба таҳсил, рушди шахсӣ ва иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷомеа пайваста тадбирҳои зарурӣ меандешад. Дар ин замина таълиму тарбияи кӯдакони дорои мушкилоти шунавоӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои мутобиқшавии онҳо ба муҳити таълимӣ аҳамияти махсус касб менамояд.

Маҳз бо ҳамин сабаб унвонҷӯ Одиназода Қурбоналӣ Наҷмудин мавзуи «Хусусиятҳои мутобиқшавии психологӣ-педагогии хонандагони мушкилоти шунавоидошта ба муҳити махсуси таҳсилотӣ»-ро интихоб намуда, онро ҳамчун самти асосии фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии худ қарор додааст.

Қайд кардан зарур аст, ки мавзуи мазкур дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти хос дорад. Гарчанде масъалаҳои таълиму тарбияи хонандагони дорои мушкилоти шунавоӣ дар корҳои як қатор олимони ватанӣ ва хориҷӣ инъикос ёфта бошанд ҳам, масъалаи мутобиқшавии психологӣ-педагогии онҳо дар муассисаҳои махсуси таълимӣ то ҳол ба таври комплексӣ мавриди омӯзиши амиқ қарор нагирифтааст. Аз ин ҷиҳат таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ барои рушди минбаъдаи педагогикаи махсус ва сурдопедагогика аҳамияти назаррас дорад.

Одиназода Қурбоналӣ Наҷмудин аз соли 2022 ҳамчун унвонҷӯи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ оғоз намуда, таҳқиқоти худро дар ҳамкорӣ бо кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогир ба роҳ монда аст.

Аз рӯзҳои аввал ӯ худро ҳамчун муҳаққиқи ҷӯянда, масъулиятшинос ва ташаббускор нишон дод. Барои омӯзиши масъалаи таҳқиқшаванда шумораи зиёди адабиёти илмӣ, дастурҳои таълимӣ, мақолаҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар сарчашмаҳои илмиро мавриди таҳлил қарор дод.

Дар натиҷаи омӯзиши амиқи адабиёт унвонҷӯ тавонист вазъи омӯзиши масъала, мушкилоти мавҷуда ва самтҳои асосии таҳқиқотро муайян намояд. Ҳамзамон мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, фарзия ва методологияи таҳқиқот ба таври илмӣ асоснок карда шуданд.

Яке аз хусусиятҳои муҳими таҳқиқоти мазкур дар он аст, ки мавзуи интихобшуда бо фаъолияти касбӣ ва таҷрибаи амалии муаллиф алоқамандии мустақим дорад. Унвонҷӯ хатмкунандаи ихтисоси сурдопедагогика ва информатика буда, солҳои зиёд бо кӯдакони дорои мушкилоти шунавоӣ ва омода кардани мутахассисон фаъолият намудааст. Илова бар ин, аз соли 2021 то имрӯз дар кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогир аз фанҳои «Алифбои дактелӣ», «Сурдопедагогикаи умумӣ» ва «Сурдопедагогикаи томактабӣ» дарс мегӯяд. Дар баробари омузгор буданаш ҳамчун тарҷумони имову ишора дар муассисаи давлатии “телевизиони Сафина” фаъолият менамояд.

Таркиби интихоботи таҳқиқотӣ ба муаллиф имконият дод, ки масъалаи мутобиқшавиро аз нуқтаи назари гуногун таҳлил намояд. Иштироки хонандагон барои муайян намудани сатҳи мутобиқшавӣ, иштироки омӯзгорону мураббиён барои арзёбии фаъолияти педагогӣ ва иштироки психологу корманди иҷтимоӣ барои муайян намудани омилҳои иҷтимоӣ-психологӣ заминаи мусоид фароҳам овард.

Дар раванди таҳқиқот муаллиф аз маҷмӯи усулҳои илмӣ, аз ҷумла таҳлили адабиёти илмӣ, мушоҳида, суҳбат, саволнома, мусоҳиба, омӯзиши ҳуҷҷатҳои педагогӣ, таҷрибаи озмоишӣ ва коркарди омории натиҷаҳо истифода намудааст. Истифодаи чунин усулҳо ба эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои бадастомада мусоидат намудааст.

**Мақсади таҳқиқотро** муҳаққиқ барои муайян кардани шароити иҷтимоӣ-педагоги мутобиқшавии ХНШД дар ММТ ва коркарди усулҳои психологии таъмини ин шароит мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар шароити муассисаҳои махсуси Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои мутобиқшавии психологӣ-педагогии хонандагони мушкилоти шунавоидошта ба таври комплексӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, омилҳои асосии таъсиррасон муайян ва асоснок карда шудаанд.

Ҳамзамон муаллиф амсилаи ташкил ва роҳандозии фаъолияти психологӣ-педагогиро барои баланд бардоштани сатҳи мутобиқшавии хонандагон пешниҳод намудааст, ки метавонад дар фаъолияти муассисаҳои махсус истифода шавад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки натиҷаҳои он метавонанд барои такмили фаъолияти муассисаҳои махсус, баланд бардоштани сатҳи омодагии омӯзгорон, мураббиён ва мутахассисони соҳа, инчунин таҳияи барномаҳои махсуси дастгирии хонандагон истифода гарданд.

**Натиҷаҳои таҳқиқот** нишон медиҳанд, ки мутобиқшавии хонандагони дорои мушкилоти шунавоӣ аз як қатор омилҳои муҳим вобастагӣ дорад. Пеш аз ҳама муҳити мусоиди психологӣ, муносибати дӯстона байни омӯзгор ва хонанда, истифодаи усулҳои махсуси таълим, дастгирии иҷтимоӣ ва ҳамкории муассиса бо оила дар ин раванд нақши муҳим мебозанд.

Муаллиф муайян намудааст, ки дар сурати мавҷуд будани муҳити мусоид сатҳи мутобиқшавии хонандагон беҳтар гардида, фаъолнокии

онҳо дар раванди таълим, муносибатҳои иҷтимоӣ ва рушди шахсӣ афзоиш меёбад.

Пойгоҳи асосии таҳқиқот маҳс дар муассисаи давлатии Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ношунавои ноҳияи Рӯдакӣ ва муассисаи давлатии Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони сустшунав ва деркаршудаи ноҳияи Рӯдакӣ интихоб гардид, ки ба мавзу ва ихтисоси унвонҷӯ мутобиқат мекунад.

Муҳаққиқ дар боби аввал, ки «**Ташкили фаъолиятҳои таълимӣ барои мутобиқ шудани хонандагони нуқсони шунавоидошта ба муҳити муассисаи махсуси таҳсилотӣ**» номгузори намудааст, дар ин боб мутобиқшавии психологӣ-педагогӣ яке аз омилҳои асосии рушди шахсияти кӯдакони дорои мушкилоти шунавоидошта меҳисобад.

Дар боби дуюм, бошад масъалаи «**Мутобиқсозии хонандагони дорои нуқсони шунавоӣ дар барномаҳои таълимӣ ва корҳои иҷтимоӣ, равонӣ ва педагогӣ**»-ро ҳаллу фасл намудааст, ки маҳс дар рисолаи илмӣ барои мутобиқшавии хонандагон омода кардани барномаҳои таълимиро ҳатмӣ мешуморад.

Боби сеюм, рисола масъалаи «**Таҳлили муқоисии ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии таълими хонандагони нуқсонҳои шунавоидошта**»-ро ҷамбаст намуда, ба натиҷаи баланд ноил гаштааст.

Дар ҷараёни таҳқиқот унвонҷӯ ҳамаи супоришҳои илмиро сари вақт ва бо масъулияти баланд иҷро намуда, пайваста барои такмили муҳтавои рисола кӯшиш ба харҷ дод. Ӯ тавонист мустақилона маълумот ҷамъоварӣ намуда, натиҷаҳои бадастомадаро таҳлил ва ҷамъбаст намояд.

Дар баробари таҳияи рисола, муаллиф фаъолияти назарраси илмӣ анҷом додааст. Аз рӯйи мавзуи таҳқиқот 2 дастури таълимӣ, 3 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 23 мақола дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва

байналмилалӣ ба нашр расонида шудаанд, ки аз фаъолияти пурсамари илмии ӯ шаҳодат медиҳанд.

Бо дарназардошти аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот, асоснокии хулосаҳо, саҳми шахсии муаллиф дар иҷрои корҳои таҳқиқотӣ ва мутобиқати пурраи рисола ба талаботи корҳои илмӣ, чунин мешуморам, ки рисолаи илмии Одиназода Қурбоналӣ Наҷмудин кори мустақилонаи анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Роҳбари илмӣ н.и.п, дотсент: Рамазонова Р.

Имзои Р.Рамазонова -ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Қодирзода С.М.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

11.03.2026